ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар ба яке аз масъалаҳои бисёр муҳимми таърихи давлатдории ниёгони тоҷикон бахшида шуда, дар доираи илми таърихнигорӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз омӯзиши мазмуну муҳтаво ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда бармеояд, ки диссертант ба масъалаи таҳқиқшаванда ба таври комил ворид шудааст. Автореферати диссертатся дар сатҳи хеле баланд ва мутобиқ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар асоси бандҳои 29, 30-31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 омода ва таҳия шудааст.

Дар автореферати диссертатсия аслан масъалаҳои таҳқиқшаванда дар шакли хеле мушаххас ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос мегарад. Мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда дар вазифаҳо, навгониҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда зоҳир мегардад. Диссертант бо истифода аз маъхазҳои таърихӣ ва қиёси осори муҳаққиқон собит намудааст, ки аҷдоди тоҷикон таҳти роҳбарии Куруши Кабир аввалин маротиба дар таърихи башар ба империяи мутамаддин асос гузоштанд, ки дар аҳди бостон беназир буд. Шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ тавассути тадбиру ташаббусҳои хеш тавонистанд дар густаришёбии аносири фарҳангу тамаддуни ниёгони мо – ориёиҳо саҳми шоиста гузоранд. Бо ибтикори Куруши Кабир ва Дори 1 ҳудуди қудрати сиёсии ақвоми ориёӣ васеъ шуда, имкониятҳои зиёди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба вуҷуд омад. Аз нигоҳи имрӯза метавон гуфт, ки дар замони Ҳахоманишиён инсоният аввалин маротиба ба ҷаҳонишавӣ ва мубодилаи фарҳангҳо рӯ ба рӯ шуд. Сиёсати коммуникатсионӣ, яъне ба вуҷуд овардани роҳҳои нави хушкӣ ва баҳрӣ омили рушди ҳаёти иқтисодию фарҳангии Осиёи Хурд, Шарқи Наздик, Эрон ва Осиёи Марказӣ гардид. Хадамоти шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ сабаб шуд, ки роҳҳои бузурги

тичоратӣ ба вуҷуд омада, Шарқу Ғарб ба ҳам васл гардад. Ҳунармандӣ, шаҳрсозӣ ва санъати тасвирии ғановатманди ин марҳалаи таърихӣ дар ёдгориҳои бостонӣ ва меъморӣ ба таври назаррас инъикос гардидааст, ки имрӯз таваҷҷуҳи миллионҳо одамонро ҷалб намудааст.

Ҳамчунин, ба диссертант муяссар гардидааст, осори муҳаққиқонро дар робита ба масъалаҳои баррасишаванда дар доираи принсипҳои таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаҳои мушаххаси хешро пешниҳод намояд. Таҳлилу омӯзиши васеи осори муҳаққиқони аврупоӣ, амрикоӣ, рус, шуравӣ, эронӣ ва ватанӣ аз таҳқиқоти мукаммал ва мунсифона бармеояд. Аз ҳама мувафақияти назарраси диссертатсия бештар дар он зоҳир мегардад, ки методи таҳлилӣ-муқоисавӣ бештар истифода шудааст. Самаранокии ин метод дар самти таърихнигорӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои баррасишаванда мунсифона инъикос карда шавад.

Хулоса, автореферати диссертатсяи Қодирзода Хушбахти Сафар ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, дар сатҳи лозима омода карда шудааст.

Тақризиҳанда: д.и.т., директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Муродзода А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33
Тел.: (+992) 918818186
E-mail: istorik.tarena.tj@gmail.com

Имзои Муродзода А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Файзуллоева М.
28.10.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33
Тел.: (+992) 2213742
E-mail: istorik.tarena.tj@gmail.com